# ХУЛОСАИ

## Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-002 назди

## Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Парвандаи аттестатсионии № 67

Қарори Шӯрои диссертатсионӣ аз 21-уми сентябри соли 2021, № 68

Барои сазовор донистани Воҳидзода Зеваршоҳ Гулаҳмад, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ.

Диссертатсияи Воҳидзода Зеваршоҳ Гулаҳмад дар мавзӯи «Шартномаи фаъолияти якҷоя дар соҳаи соҳибкорӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) санаи 07.05.2021, суратмаҷлиси № 55 аз ҷониби Шӯрои диссертатсионии назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17, Фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10.06.2019, №133) қабул карда шудааст.

Унвонҷӯ Воҳидзода Зеваршоҳ Гулаҳмад 9-уми июни соли 1986 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст.

Соли 2003 ба шуъбаи рӯзонаи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон дохил шуда, соли 2008 Донишгоҳи мазкурро бо ихтисоси ҳуқуқшиносӣ хатм намудааст.

Солҳои 2008 – 2009 дар шуъбаи ҳуқуқ ва қонунгузории соҳавии Институти давлат ва ҳуқуқи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, солҳои 2010 – 2021 дар Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон ва аз сентябри соли 2021 то инҷониб муаллими калони кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети сиёсат ва идораи давлатии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Н.Хусрав фаъолият дорад.

Аз соли 2016 инчониб унвончӯи кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (ДМТ) мебошад.

Диссертатсия дар кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (ДМТ) омода ва муҳокима шудааст. Инчунин, диссертатсия дар кафедраи мазкур муҳокима гардида, ба ҳимоя тавсия дода шудааст (суратҷаласаи № 05 аз 21-уми декабри соли 2020). Мавзӯи диссертатсия – «Шартномаи фаъолияти якҷоя дар соҳаи соҳибкорӣ» дар ҷаласаи Шӯрои олимони факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (ДМТ) тасдиқ гардидааст (суратмаҷлиси № 11 (16-17) аз 11.06.2016).

**Роҳбари илмӣ: Сангинов Дониёр Шомаҳмадович** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, мудири кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:**

**Меликов Умрилло Асадуллоевич** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи тиҷоратӣ ва зиддикоррупсионии факултети менеҷмент ва ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон;

**Тоҷибоев Шерозҷон Абдуҷабборович** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, декани факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, ба диссертатсия тақризи мусбат додаанд.

**Муассисаи тақриздиҳанда** – Муассисаи давлатии таҳсилоти олии касбии **«Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон»** (ш. Душанбе), дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби дотсент, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, мудири кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон Бобоев Ҷ.Қ. имзо ва аз ҷониби Ректори Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Хайрзода Ш.Қ.

тасдиқ шудааст, қайд менамояд, ки диссертатсияи Воҳидзода Зеваршоҳ Гулаҳмад дар мавзӯи «Шартномаи фаъолияти якҷоя дар соҳаи соҳибкорӣ» аз рӯйи навгонии илмӣ, мубрамият, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ доштанаш сазовори баҳои мусбат буда, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмӣ (дотсент, профессор), ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, № 505 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ аст ва муаллифи он Воҳидзода Зеваршоҳ Гулаҳмад сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мебошад.

Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи тақриздиҳанда бо он асоснок карда мешавад, ки онҳо аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) дар сатҳи дахлдор таҳқиқоти илмӣ анҷом додаанд.

Унвонҷӯ вобаста ба мавзӯи диссертатсия, муаллифи 13 мақолаи илмӣ мебошад, аз ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи феҳристи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ тавсиядиҳанда ба табъ расондааст. Интишороти унвонҷӯ нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

**Муҳимтарин интишороти унвонҷӯ аз рӯйи мавзӯи диссертатсия:**

**1. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи феҳристи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд:**

1. Воҳидов, З.Г. Тағйир додан, бекор кардани шартномаи фаъолияти якҷоя ва ҷавобгарӣ барои иҷро накардани он [Матн] / З.Г. Воҳидов // Паёми ДДҚ ба номи Н. Хусрав. – Қӯрғонтеппа, 2016. - № 1/4 (41). – С. 41-43.

2. Воҳидов, З.Г. Ҷанбаҳои ҳуқуқии фаъолияти якҷояи соҳибкорӣ [Матн] / З.Г. Воҳидов // Паёми ДМТ. – Душанбе, 2017. - № 2/6. – С. 268-269.

3. Воҳидов, З.Г., Сангинов, Д.Ш. Заминаҳои ҳуқуқии бавуҷудоии шартномаи фаъолияти якҷоя (ширкати одӣ) [Матн] / З.Г. Воҳидов, Д.Ш. Сангинов // Паёми ДМТ. – Душанбе, 2017. - № 2/7. – С. 231-233

4. Воҳидов, З.Г. Мафҳум ва хусусиятҳои хоси шартномаи ширкати одӣ [Матн] / З.Г. Воҳидов // Паёми ДМТ. – Душанбе, 2017. - № 2/8. – С. 253-259.

5. Воҳидзода, З.Г. Ҷанбаҳои илмии мазмуни шартномаи ширкати одӣ (фаъолияти якҷоя) [Матн] / З.Г. Воҳидзода // Паёми ДМТ. – Душанбе, 2018. - № 8. – С. 221-225.

**2. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳо ва маҷмуаҳои дигар чоп шудаанд:**

6. Воҳидов, З.Г. Тавсифи умумии танзими гражданӣ-ҳуқуқии фаъолияти якҷоя [Матн] / З.Г. Воҳидов // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ «Рушди энергетикаи муътадил дар солҳои Истиқлолият» бахшида ба Рӯзи энергетикон ва 10-умин солгарди таъсисёбии Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон (ноҳияи Бохтар, вилояти Хатлон 22-23 декабри соли 2016). – ҶДММ «Матбаа» шаҳри Қӯрғонтеппа, 2016. – С. 295-299.

7. Воҳидов, З.Г. Мафҳум, намудҳо ва хусусиятҳои шартномаи фаъолияти якҷоя [Матн] / З.Г. Воҳидов // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ «Рушди энергетикаи муътадил дар солҳои Истиқлолият» бахшида ба Рӯзи энергетикон ва 10-умин солгарди таъсисёбии Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон (ноҳияи Бохтар, вилояти Хатлон 22-23 декабри соли 2016). – ҶДММ «Матбаа» шаҳри Қӯрғонтеппа, 2016. – С. 299-310.

8. Воҳидов, З.Г. Шартномаи фаъолияти якҷоя [Матн] / З.Г. Воҳидов // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ «Рушди энергетикаи муътадил дар солҳои Истиқлолият» бахшида ба Рӯзи энергетикон ва 10-

умин солгарди таъсисёбии Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон (ноҳияи Бохтар, вилояти Хатлон 22-23 декабри соли 2016). – ЧДММ «Матбаа» шаҳри Кӯрғонтеппа, 2016. – С. 310-312.

9. Воҳидзода, З.Г. Назаре оид ба шартномаи фаъолияти якҷоя [Матн] / З.Г. Воҳидзода // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ «Масъалаҳои мубрами ислоҳоти қонунгузории мурофиавӣ ва фаъолияти ҳуқуқмуҳофизавӣ» (ш. Душанбе, 25 ноябри соли 2016). – Душанбе, 2016. – С. 335-338.

10. Воҳидзода, З.Г. Унсурҳои шартномаи фаъолияти якҷоя [Матн] / З.Г. Воҳидзода // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзӯи «Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон асосгузори қонунгузории соҳибкорӣ ва сайёҳӣ» бахшида ба Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. (ш. Душанбе, 16-уми ноябри соли 2017). – Душанбе, 2017. – С. 113-118.

11. Вохидзода, З.Г. Правовые основы совместной предпринимательской деятельности [Текст] / З.Г. Вохидзода // Материалы международной научно-практической конференции на тему: «Развитие предпринимательского, коммерческого и туристического законодательства в период Государственной независимости Республики Таджикистан» (г. Душанбе, 18 майя 2018 года). – Душанбе, 2018. – С. 222-225.

12. Воҳидзода, З.Г. Шартномаи ширкати одӣ дар соҳаи соҳибкорӣ [Матн] / З.Г. Воҳидзода // Маводи Конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявии ҳайати устодону кормандони ДМТ бахшида ба «Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ (солҳои 2019-2021)» ва «400-солагии Миробид Сайидои Насафӣ». Ҷилди 2. – Душанбе, 2019. – С. 143-144.

13. Воҳидзода З.Г. Шартномаи хизматрасонии пулакӣ ҳамчун намудҳои гуногуни аҳдҳои иқтисоди беруна дар соҳаи сайёҳӣ [Матн] / З.Г. Воҳидзода // Маводи Конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявии ҳайати устодону кормандони ДМТ бахшида ба ҷашнҳои «5500 солагии Саразми

бостонӣ», «700 солагии шоири барҷастаи тоҷик Камоли Хуҷандӣ» ва «20 солаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф (солҳои 2020-2040)». Ҷилди 2. – Душанбе, 2020. – С. 128-129.

**Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби шахсони зерин тақризҳо навишта шуда, ба Шӯрои диссертатсионӣ ворид шудаанд: Мирзоев Парвиз Исроилович** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, мудири кафедраи ҳуқуқ ва ҳуқукшиносии факултети дипломатия ва сиёсати Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон; **Нусратуллоев Бахтовар Қудратуллоевич**– номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, муовини ректори Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон оид ба робитаи байналмилалӣ; **Кодирзода Тоҳир Қамар** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, раиси коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои граждании Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон; **Мирзозода Исроил Шоҳимардон** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, судяи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Ҳамаи тақризҳо мусбат буда, дар онҳо баъзе эродҳои хусусияти баҳснокдошта баён гардидааст. Эродҳо асосан нуктаҳои илмии мубоҳисавии диссертатсияро доир ба моҳият ва мазмуни нуктаи илмии муҳим, дарҷ нагардидани муҳимтарин асарҳои олимон ва санадҳои меъёрии ҳуқукӣ дар бахшҳои таҳқиқи мавзӯи диссертатсионӣ ва заминаҳои меъёрии таҳқиқоти диссертатсионӣ, татбиқи амалии институтҳои ҳуқуқӣ, пешниҳодҳо ва назарҳои шахсии муаллифи автореферат дар замони муосир ва дигар камбудиҳои забониву имлогиро фаро мегирад.

**Шӯрои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки дар натиҷаи таҳқиқоти диссертатсионии унвонҷӯ:**

Нуктаҳои асосии таъминоти ҳуқуқии шартномаи фаъолияти якҷоя (ширкати одӣ) ва табиати ҳуқуқии шартномаи фаъолияти якҷоя (ширкати одӣ) омӯхта шудааст.

Шартномаи фаъолияти якҷоя (ширкати одӣ) яке аз қадимтарин шаклҳои уҳдадориҳои шартномавӣ **ошкор** ва баҳри такмили қонунгузорӣ оид ба шартномаи фаъолияти якҷоя (ширкати одӣ) пешниҳодҳои мушаххас **коркард** карда шудааст.

**Исбот карда шудааст**, ки шартномаи фаъолияти якҷоя на танҳо муносибатҳои молу мулкиро танзим менамояд, балки муносибатҳои байни иштирокдорони шартномаи мазкурро низ муайян мекунад ва дар ҳамин асос сохтори корпоративии дохилиро ба вуҷуд меорад, ки шахси ҳуқуқӣ набуда, иттиҳоди бо шартнома танзимшудаи ҳаммонанди ба сохтори ташкилот аст. Мутобиқсози кардани қонунгузорӣ дар бораи шартномаи фаъолияти якҷоя бо созишномаҳои истифодаи муштараки молҳо ва хизматрасониҳо асоснок карда шудааст.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот бо он асоснок карда шудааст, ки:**

- натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф аз ҷиҳати назариявӣ ба рушди шартномаи фаъолияти якҷоя мусоидат карда, сабаби такмили фаҳмиши ин падидаи ҳуқуқи гражданӣ ва соҳибкорӣ мегарданд;

- масъалаҳои назариявӣ ва усулии шартномаи фаъолияти якҷоя муайян карда шудааст;

- масоили мубрами шартномаи фаъолияти якҷоя мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд;

- дар хусуси такмил ва рушди шартномаи фаъолияти якҷоя пешниҳоду тавсияҳои муфид пешниҳод шудааст.

**Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошта** ба сифати заминаи методологии таҳқиқот усулҳои умумӣ-илмӣ ва махсус, аз ҷумла диалектикӣ, таърихӣ-ҳуқуқӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, таҳлилӣ ва расмии ҳуқуқӣ истифода шудаанд.

Чун заминаи назариявӣ осори олимони ватанию хориҷӣ ба монанди Бадалов Ш.К., Бобоев У.Х., Бобоҷонзода И.Ҳ., Бозоров Р.Б., Ғаюров Ш.К., Диноршоҳ А.М., Золотухин А.В., Илюшников С.М., Исмоилов

Ш.М., Маҳмудзода М.А., Мелник В.В., Меликов У.А., Мирбобоева Р.В., Мирзозода П.З., Муртазозода Ҷ.С., Ойгензихт В.А., Пулатов А.С., Раҳимзода М.З., Савелев А.Б., Самадов Б.О., Сангинов Д.Ш., Сафарзода А.И., Сулаймонов Ф.С., Шарофзода Р.Ш. (Сотиволдиев Р.Ш.), Тағойназаров Ш.Т., Талчиков С.А., Шукина Е.М., Ястребов И.С. ва дигарон омӯхта шудаанд.

**Аҳамияти натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионии муаллиф барои амалия бо он собит мегардад, ки:**

- дастовард ва пешниҳодҳои муаллиф барои такмили ҳуқуқи граждании ва соҳибкорӣ саривақтӣ ва муфид буда, пешниҳодҳои муаллиф метавонанд, ҳангоми таҳия ва татбиқи барномаҳо, консепсияҳо ва такмили қонунгузорӣ истифода шаванд;

- маводи диссертатсия метавонад ҳангоми тадриси фанҳои таълимӣ ба монанди ҳуқуқи гражданӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ, курсҳои махсус, ҳангоми иҷрои корҳои мустақилона, навиштани рисолаҳои дипломӣ, магистрӣ, диссертатсияҳо ба таври васеъ мавриди истифода қарор гирад;

- тавсияву пешниҳодҳои дар таҳқиқоти диссертатсионӣ дарҷгардидаро барои такмили минбаъдаи қонунгузории кишвар истифода кардан мумкин аст.

**Баҳои саҳеҳнокии натиҷаҳои таҳқиқот ошкор намуд, ки:**

- нуктаҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар такя ба осори илмии муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ дар таълимоти ҳуқуқи гражданӣ ва ҳуқуқи соҳибкорӣ асос ёфта, бо маводи интишории унвонҷӯ, ки оид ба мавзӯи диссертатсия ба нашр расидаанд, мувофиқат мекунанд;

- дар таҳқиқоти диссертатсионӣ санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҷрибаи судӣ, нуктаҳои илмӣ ва хулосаҳои асарҳои илмӣ истифода шудаанд, ки баҳои саҳеҳнокии натиҷаҳои бадастовардашударо таъмин мекунанд;

- натиҷаҳои илмӣ ва хулосаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар муқоиса бо нуктаҳои илмӣ ва хулосаҳои дар илм пазируфташуда навгонии илмӣ доранд.

- натиҷаҳои бадастовардаи унвонҷӯ барои рушди қонунгузории кишвар, мусоидат мекунад.

**Саҳми шахсии муаллиф** бо ширкати бевоситаи ӯ дар таҳқиқоти диссертатсионӣ, пешбарии ақидаҳо, мафҳумҳо, хулосаҳо ва нуктаҳои илмӣ ва 13 интишороти ӯ исбот карда мешаванд.

Дар ҷаласаи Шӯрои диссертатсионӣ аз 21 сентябри соли 2021 қарор қабул карда шуд, ки ба Воҳидзода Зеваршоҳ Гулаҳмад дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ дода шавад.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар Шӯрои диссертатсионӣ 13 нафар иштирок доштанд, ки аз ҷумла 5 нафарашон доктрони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мебошанд. Аз 16 нафар аъзои Шӯрои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта овоз доданд: ба тарафдории додани дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ 12 нафар, муқобил 1 нафар, бюллетенҳои беэътибор - нест.

Раиси Шӯрои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Диноршоҳ А.М.

Котиби илмии Шӯрои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Азиззода У.А.

21 сентябри соли 2021